# ХУЛОСАИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Парвандаи аттестатсионии №__**
**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 4-уми марти соли 2021, № 25**

Барои сазовор донистани Шоҳиён Мансур Бойзода, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи «**Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон)**» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ, рӯзи 12 ноябри соли 2020 (Қарори № 14) аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва фармоиши комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2020, № 61 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Шоҳиён Мансур Бойзода 14-уми октябри соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Айни ҳол дар вазифаи муовини аввали директори Радиои Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** доктори илми филология, профессор, академики АМИТ Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ;

**Муқарризони расмӣ**:

1. **Муъминҷонов Зулфиддин** – доктори илми филология, декани факултети режиссура, кино ва телевизиони Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»;
2. **Салимзода Олим** – номзади илми филология, муаллими калони кафедраи телевизион ва радиои муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон;

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», дар тақризи мусбати худ, ки аз мудири кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума, номзади илми филология, дотсент Комилов Каримбой Исломович имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, профессор Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Шоҳиён М.Б. дар мавзӯи «**Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон)**» бо навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Шоҳиён

Мансур Бойзода сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи журналистикаи тоҷик буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок намуда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 5 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин шумора 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**I. Маҷаллаҳои тасдиқнамудаи КОА ҶТ**

[1-М] Шоҳиён М. Б. Ғалатҳои услубию мантиққ дар ВАО // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илми филология. –Душанбе: Сино, 2015, № 4/10 (187). - С. 272 – 275;

[2-М] Шоҳиён М. Б. Необходимость соблюдения логики в журналистском слове // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илми филология. – Душанбе: Сино, 2017, № 4/2. С. 301 – 305;

[3-М] Шоҳиён М. Б. Назаре ба муҳокимаи журналистӣ дар сомонаҳои интернетӣ //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2018. №5/1 (77). – С.199-204;

**II. Маҷалла ва сарчашмаҳои дигар**

[4-М] Шоҳиён М. Б. Баъзе муаммоҳои мантиқӣ дар фаъолияти расонаҳо (дар мисоли бахши тоҷикии Радиои Озодӣ). Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ. Журналистикаи байналхалққ. Қисми 7. –Душанбе, 2017. – С. 139-144;

[5-М] Шоҳиён М. Б. Нақши саволи мантиқӣ дар барномаҳо // Дар моварои сухан. Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ. –Душанбе, 2018. - С. 190-196;

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Номзади илми филология, директори Муассисаи давлатии “Академияи васоити ахбори омма” Зинатулло Исмоилзода дар робита ба автореферати рисола зикр намудааст, ки: дар автореферат ҷасорат ё таҷрибаи илмии муаллиф камтар ба назар мерасад. Ҳол он ки дар мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф таҳлилҳо хеле боҷуръатона буда, мавсуфро ҳамчун муҳаққиқи соҳибандеша намо медоданд. Баъзе ғалатҳои имлоию техникӣ ҳусни авторефератро коҳиш додаанд.

2. Номзади илми филология, сардори Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Эҳсон дар тақризи худ эрод гирифтааст, ки дар автореферати диссертатсияи унвонҷӯй ғалатҳои имлоию техникӣ ба назар мерасад. Ҳамчунин, хуб мешуд, агар диссертант

номи расмии расонаҳоро истифода менамуд. Чунончи, телевизиони “Тоҷикистон” –“Телевизиони Тоҷикистон”, радиои “Тоҷикистон” – “Радиои Тоҷикистон”, радиои “Озодӣ” –“Радиои Озодӣ”; дар қисмати хулосаи автореферат натиҷаҳои пажӯҳиш ба таври мушаххасу конкрет нишон дода нашудааст.

3. Номзади илми филология, сармуҳаррири Муассисаи давлатии маҷаллаи “Илм ва ҳаёт” Раҳимҷонов Хушдил ба автореферати диссертатсия чунин эрод гирифтааст: нуқси мантиқӣ ва омилҳои рух додани он дар намоишу барномаҳои телевизионӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, аммо ба пайванди мантиқ бо ахлоқ – боиси нуқси мантиқӣ гардидани риоя накардани меъёрҳои ахлоқӣ таваҷҷуҳ нашудааст; қонунҳои мантиқ ва алоқамандии онҳо ба журналистика баррасӣ шуда, мисолҳо танҳо атрофи риоя нагардидани қонунҳои мантиқ зикр шудаанд. Аз нигоҳи мо, агар мисолҳое низ тазаккур меёфтанд, ки дар онҳо қонунҳои мантиқ риоя шудаанд, моҳияти мавзӯъ мушаххастар мегардид; дар автореферат хатоҳои ҷузъии имлоӣ ба назар расиданд.

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд**, ки Шоҳиён Мансур Бойзода дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

– ҷанбаҳои назариявии нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналистро **коркард кардааст;**

– дараҷаи риояи мантиқи гуфтор дар барномаҳои телевизион ва радио, муҳтавои мантиқии савол ва мақоламаҳои намоишу гуфторҳои телевизиону радио ва вижагиҳои мантиқи корбасти аксу расм дар нашрияҳои даврӣ ва сомонаҳоро муайян карда барои коркарди назариявию амалии он **пешниҳод кардааст;**

– қонунмандиҳои мантиқ ва алоқамандии онҳо бо фаъолияти журналистиро **исбот намудааст;**

– **ҷори намудани** истилоҳи мантиқи журналистӣ ва истифодаи назариявию амалии он дар фаъолияти журналистиро асоснок гардонидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** маводи диссертатсия ва пажӯҳишҳои муаллиф дар такя ба сарчашмаҳои муътамади назариявӣ ва илмӣ таҳия гардида, фазои илми журналистикаи тоҷикро нисбатан пурра мекунанд. Муҳтавои он дар коркарди назарии қонунмандиҳои мантиқи журналистӣ, меъёрҳои гуфтору навиштор ва мубодилаи афкор аҳамиятнок аст. Натиҷаҳои таҳқиқ дар самтҳои ҳамҷавори илм: журналистика, забоншиносӣ, мантиқ ва этика истифода шуда метавонанд.

**Исбот шудааст, ки** ба назар нагирифтани талаботи категорияҳои хулосабарорӣ ва муҳокимаҳои мантиқӣ ба нуфузи воситаҳои ахбори омма таъсири манфӣ расонидааст. Диссертатсия дар омӯзиши мантиқ дар

фаъолияти эҷодии журналистӣ, низоми фикр, асоснокии гуфтор, таъсирнокии мавод ба дарки дуруст ва риояи бомаърифатонаи он аҳамияти калон дорад.

Дар диссертатсия таълифот ва коркардҳои ҷудогонаи назарӣ ва амалии донишмандони маъруфи соҳа, мисли А. А. Тертычный, А. А. Ивин, И. Усмонов, А. Саъдуллоев, М. Имомзода, А. Азимов, М. Муродӣ, М. Абдуллоев, Ҷ. Садуллоев, М. Муқимов, З. Муъминҷонов, М. Н. Болтаев, Ф. Худойдодов ва дигарон дар соҳаи назария ва амалияи журналистика омӯхта шудаанд.

Дар диссертатсия аз методҳои таърихӣ, таҳлилӣ-мавзӯӣ ва хронологӣ **корбаст шудааст.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** натиҷаҳои таҳқиқ дар раванди таълими фанҳои тахассусии журналистика (мантиқи журналистӣ, асосҳои эҷоди журналистӣ, психологияи журналистика), таҳлили матни публитсистӣ, навиштани китобҳои дарсӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ, омода намудани курсу семинарҳои махсус дар факултету шуъбаҳои журналистикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамчунин, маводи диссертатсия барои журналистон дар раванди фаъолияти касбии онҳо хизмат расонида метавонад.

**Саҳми фардии** муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 5 сол дар баробари фаъолияти рӯзноманигорӣ ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таҳлилу баррасии маводи журналистӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ба гурӯҳҳои муайян машғул гардида, дар ин самт мақолаҳо таълиф намуда, дар конфронсҳои сатҳи гуногун маърӯзаҳо кардааст.

Унвонҷӯ муаллифи 5 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ин 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди ДМТ рӯзи 4 марти соли 2021 дар бораи ба Шоҳиён Мансур Бойзода додани дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 19 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ. Аз 21 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор 19 нафар, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.